“ТАСДИҚ КАРДА ШУД”
Директори КВД «ПИТ С ваМ»-и
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________ Саломзода М.М.
“ 06 “ 02 2023

# ТАҚРИЗИ

Ташкилоти тақриздиҳанда - Корхонаи воҳиди давлатии «Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Билим Муҳаммад Усмон дар мавзӯи: «Барқароркунии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳи шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.22 – «Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот» пешниҳод шудааст.

Бо қарори Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 оиди ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.22 – «Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот»-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ташкилоти тақриздиханда, Корхонаи вохиди давлатии «Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шудааст.

Тақризи кори диссертатсионии Билим М.У. дар мавзӯи: «Барқароркунии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳи шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.22 – «Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот» аз ҷониби сармутахассисони КВД “ПИТ С ва М”, номзадҳои илмҳои техникӣ, дотсентон Абдуллоев И. ва Рахмонов А.А. хамҷун эксперт омода гардида, дар ҷаласаи васеи Шӯрои илмӣ-техникии корхона «06» феврали 2023 с., протоколи № 1_мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар муҳокима ва музокираҳо н.и.т., дотсент Фозилов А.Р., д.и.т. Шарипов А.Ш. ва н.и.т., дотсент Умарзода У.Х. баромад карда, кори диссертатсионии пешниҳодгаштаро мувофиқи талаботи муқаррароти мавҷудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуданд ва дастгирӣ карданд.

Ташкилоти тақриздиҳанда, дастнависи диссертасияро мавриди баррасӣ карор дода, ҷунин хулосабандӣ менамояд:

**1.Муҳимияти мавзӯи рисола.**

Муҳимияти кори диссертатсионии Билим Муҳаммад Усмон дар замони ҳозира дар он аст, ки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо афзоиши бенизоми нуқтаҳои шаҳрӣ ва зиёдшавии аҳолии шаҳрҳо ба шароити

харобии муҳити зист мубаддал гаштааст. Маҳдудияти шароити табиӣ васеъшавии тарҳи шаҳрҳои калону бузург, талаботи муҳимтарин ва густурдатарини сиёсати нави батартибоварии маҳалҳои шаҳршударо дар миқёси давлати имрӯзаи Афғонистон ба миён мегузорад. Вобаста ба ин ҳолат, ғализӣ ва олудагии бади обу ҳавои шаҳрҳо, харобии муҳити зист ва шароити бади иҷтимоӣ дар онҳо ҳамчун омилҳои пайдошавии ҳолатҳои хатарот барои аҳолӣ гаштааст.

Аз ин рӯ ислоҳот дар сиёсати шаҳрсозии мамлакат барои ба тартиб овардани натиҷаҳои харобии баъдазҷангӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва муайян кардани самти асосии шаҳрсозӣ дар кишвар зарур аст. Такмил додани заминаи сиёсии реҷаи миллии шаҳрсозӣ, дар асоси муайян намудани меъёру қоидаҳои ҳуқуқии шаҳрсозӣ барои танзими афзоиши масоҳати маҳал, дар баробари баланд бардоштани аҳамияти принсипҳои нави бинокории шаҳр зарур мебошад.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мазкур** дар рисолаи Билим М.У. мавриди омӯзиш хеле асоснок қарор дода шудааст. Дар баробари норасоии шадиди манзил, вазъият дар даҳсолаҳои охир, бинобар муҳоҷирати оммавии сокинони деҳот ба шаҳрҳои калон ва талафи фонди манзил дар ҷараёни амалиёти низомӣ, шароити зистро дар шаҳрҳо бадтар намудааст. Дар солҳои охир нақшаҳои генералии шаҳрҳо ва тарҳрезии маҳалҳои истиқоматӣ  амалан тартиб дода нашудааст.

Дар бобати идоракунӣ ва ташкили сохтори меъмориию банақшагирии маҳалҳои истиқоматии шаҳрҳои калон ва лоиҳаҳои ободонии онҳо корҳои ниҳоӣ ва кифоя ба ҷо оварда нашудааст. Дар айни замон дар соҳаи иқтисодиёти танзими шаҳрӣ ва ташаккули манзилҳои анъанавии камошёнаи шаҳрӣ, инчунин рушди иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ ва ташкили бинокории манзили дастраси мардумии шаҳрҳо воқеан ягон тадқиқоти илмӣ гузаронида нашудааст.

Аз диди тарроҳиву меъморӣ, дар кишварҳои доманакӯҳӣ як қатор корҳои таҳқиқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи доктори меъморӣ Акбаров А. корбаст шудаанд ва рисолаи илмии ӯ ба чоп расидааст, ки ҳоло онҳо ҳамчун методологияи илмӣ барои омӯзиш аз тарафи унвонҷӯй Билим М.У. дар соҳаи шаҳрсозии Афғонистони имрӯза муайян шудааст.

## 2. Ҳадаф ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ.

**Ҳадафи кори диссертатсионӣ** аз офаридани ғояи (консепсияи) ягона ва аз назари илмӣ асоснокии такмил додани системаи шаҳрсозӣ ва корбасти асосҳои методии ташаккули сохтори тарроҳии шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон мебошад. Заминаи методӣ оид ба тарҳрезии маҳаллаҳои анъанавӣ бо биноҳои дастраси мардумӣ ва марказҳои иҷтимоӣ дар релйефи доманакӯҳии ҶИА, ҳамчун шаклҳои нави шаҳрсозӣ дар робита

бо шароити рушди муосир ва ояндаи ташаккули меъмориву тарроҳии шаҳрҳои Афғонистонро дар бар мегирад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** мутобиқи ҳадафи гузоштаи унвонҷӯй инҳоянд:

- омӯзиши асосҳои таърихӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоии ташаккули шаҳрҳои калон ва муайян кардани равияи нави шаҳрсозӣ оиди шаҳрҳои калон - маркази вилоятҳои Афғонистон;
- муайян намудани омилҳои асосии бевосита бо шароити рушди шаҳрҳо таъсиррасон, ки дар ин замина принсипҳои танзими шаҳрсозии маҳалҳои истиқоматӣ муайян карда мешаванд;
- таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили принсипҳои банақшагирии тарҳи маҳалҳои истиқоматии шаҳрҳои калон - маркази вилоятҳо дар шароити нави рушди шаҳрсозӣ;
- муайян кардани роҳҳои нави танзим ва усулҳои ҳалли бинокории манзили камошёна дар минтақаҳои шароити релйефашон душвори ноҳияҳои наздикӯҳӣ.

**Методологияи таҳқиқот -** таҳлили маълумоту маводҳои иқлимиву табиӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, оморӣ, нишондиҳандаҳои тарроҳӣ ва маводҳо, ки назардошти хусусиятҳо ва талаботи меъёрии минтақавиро барои танзими системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори мавзеъҳои шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистонро муайян менамоянд; таҳлили таҷрибаи тарҳрезии нақшаҳои генералии шаҳрҳо ва муайян кардани роҳҳои нави идоракунии ташаккулёбии шаҳрӣ; пешниҳоди татбиқи системаи нави шаҳрсозӣ дар асоси рушди устувори тарроҳии сохтори шаҳрӣ дар шароити релйефи кӯҳӣ.

**Дараҷаи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулосаю тавсияҳо.** Муаллифи рисолаи илмӣ Билим М.У. барои асоснок кардани натиҷаҳо, хулосаю тавсияҳо аз методологияи маълуми илми шаҳрсозӣ пурра ва дуруст истифода бурдааст. Дар асоси принсипи методологии ягонаи раванди корҳои тадқиқотӣ, лоиҳакашии таҷрибавӣ ва бинокории маҳалҳои шаҳр бо истифодабарии модули лоиҳавӣ, довталаб тавсияҳои назариявии худро дар раванди таҳияҳои нақшаи генералӣ ва тартиб додани нақшаи муфассали бинокории маҳаллаҳои истиқоматии камманзилаи шаҳри калон татбиқ кардааст.

3. **Навоварии илмии кори диссертатсионӣ.**

**Навоварии илмии кори диссертатсионӣ** дар он аст, ки муаллиф бори аввал пешниҳод:

- оид ба барқарор намудани системаи банақшагирии шаҳрсозиро барои рушди устувори шаҳрҳои калон - марказҳои вилоятҳои Афғонистон таҳия ва асоснок кардааст;
- оид ба ташаккули маҳаллаҳои истиқоматии камошёна дар сохтори тарҳи шаҳрҳои калон, бо назардошти истифодаи самараноки замин, дар релйефи доманакӯҳии Афғонистон барои шаҳрсозии минтақавӣ таҳия кардааст;

- модели ташаккули сохтори ибтидоии банақшагирии мавзеъҳои истиқоматии анъанавии камошёнаро дар нақшаи тарҳи шаҳри калон - маркази вилоят пешниҳод кардааст;

- заминаи методӣ оид ба тарҳрезии “Маҳаллаҳои анъанавӣ” бо биноҳои камошёнаи дастраси мардумӣ ва марказҳои ичтимоӣ, ҳамчун шаклҳои аввалияи маҳалҳои шаҳрӣ дар робита бо шароити рушди муосир ва ояндаи шаҳрсози ҶИА дар минтақаҳои наздикӯҳӣ муайян кардааст.

Муқаррароти номбаршуда, ки **навигарии таҳқиқоти рисоларо** тавсиф мекунанд, аз ҷониби муаллиф барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

4. **Моҳияти назариявӣ ва амалии кори рисолавӣ.**

**Моҳияти назариявии** кор аз таҳияи консепсияи ягона ва аз назари илмӣ асосноки такмил додани системаи шаҳрсозӣ ва корбасти асосҳои методии ташаккули сохтори тарроҳии шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистан мебошад.

**Моҳияти амалии** кори илмӣ дар он аст, ки бо барқарорсозии системаи фаъолияти шаҳрсозӣ ва истифода аз усули нави таҳияшудаи батартибоварии сохтори идоракунии шаҳр, метавон принсипҳои танзими ҳалли ҳудудиву банақшагирии вариантҳои алтернативии лоиҳаҳои шаҳрӣ (ҳангоми таҳияи нақшаҳои генералӣ, нақшаҳои тарҳи маҳал, банақшагирии муфассал ва лоиҳаҳои бинокорӣ) татбиқ карда мешавад.

5. **Ғояҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд.**

**Барои дифоъ ғояҳои асоснокшудаи:** барқарор намудани системаи банақшагирии шаҳрсозӣ барои рушди устувори шаҳрҳои калон - марказҳои вилоятҳои Афғонистон таҳия ва пешниҳод шудааст;

- ташаккули маҳаллаҳои истиқоматии камошёна дар сохтори тарҳи шаҳрҳои калон, бо назардошти истифодаи самараноки замин, дар релйефи доманакӯҳии Афғонистон таҳия ва барои ояндаи шаҳрсозии минтақавӣ пешниҳод шудааст;

-модели ташаккули сохтори ибтидоии банақшагирии мавзеъҳои истиқоматии анъанавии камошёнаро дар нақшаи тарҳи шаҳри калони маркази вилоят пешниҳод кардааст;

- заминаи методӣ оид ба тарҳрезии “Маҳаллаҳои анъанавӣ” бо биноҳои камошёнаи дастраси мардумӣ ва марказҳои ичтимоӣ, ҳамчун шаклҳои аввалияи маҳалҳои шаҳрӣ дар робита бо шароити рушди муосир ва ояндаи шаҳрсозии ҶИА дар минтақаҳои наздикӯҳӣ муайян шудааст.

6. **Саҳми шахсии муаллиф** нуктаҳои зеринро дар бар мегиранд:

- таҳлил ва батартибоварии натиҷаҳои таҳқиқоти шароити иқлимиву табиӣ, иқтисодӣ-ичтимоӣ ва тарроҳиву масоҳатии ташаккули шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои ҶИА;

- ҷамъбасти натиҷаҳо оиди таҳлили нақшаҳои генералии шаҳрҳо ва коркарди тавсияҳо оиди ташаккули системаи шаҳрсозӣ дар асоси батартибоварии асосҳои ҳуқуқии шаҳрдории ҶИА;

- асоснок намудани тарзи ҷустуҷӯи лоиҳа ва пешниҳоди модели тарҳи маҳаллаҳои аввалияи истиқоматии шаҳрӣ бо манзили дастраси мардумӣ ва маркази иҷтимоияш дар релйефи доманакӯҳии Афғонистон.

Рисолаи илмии мазкур яке аз аввалин корҳои тақиқотӣ оиди пешниҳоди ихтисоси илми шаҳрсозӣ дар таҷрибаи илмӣ-таҳқиқотии ҶИА ба ҳисоб меравад. Тамоми таҳқиқоти назариявӣ дар раванди меъмориву тарҳрезии маҳалҳои истиқоматии шаҳрҳои калон, ки ба рисола ворид карда шудаанд, аз ҷониби муаллиф зери роҳбарии бевоситаи роҳбари илмӣ иҷро карда шудаанд.

**Эътимоднокии тадқиқот**: мувофиқи гузориш ва ҳалли масъалаҳои тадқиқотӣ бо истифода аз усулҳои ҳисобиву графикии сохтори ҳудудӣ-нақшагирии шаҳр муайян шудааст; дар асоси омӯхтан ва таҳлили маҷмӯи омилхое, ки ба ташаккули нақша ва бинокории шахр таъсирасон, дар муқоиса бо натиҷаҳои тадқиқоти таҳлилӣ ва таҷрибавӣ муайян карда шудааст.

7. **Тадбиқи натиҷаҳои таҳқиқот:**

- бо санади Вазорати шаҳрсозӣ ва арозии ҶИА аз 17.04.2021 тасдиқ карда шудааст, ки натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар раванди корбасти нақшаҳои генералӣ ва муфассали бинокории шаҳрҳои Афғонистон истифода мешаванд.

-тавсияҳо оиди методикаи лоиҳакашии маҳаллаҳои истиқоматии камошёнаи шаҳрҳо дар шароити релйефи доманакӯҳӣ барои таҳсилоти донишҷуёни равияи меъмории Донишгоҳи Форёб ва Донишгоҳи Ҷавзиҷони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон татбиқ шудаанд.

- Интишори натиҷаҳои таҳкикот.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ ба чоп расидаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар нашрияҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр гардидаанд.

8. **Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

**Таркиб ва сохтори диссертатсия** аз матни диссертатсия (160 саҳифа), муқаддима, се боб, натиҷаҳои асосии илмии тадқиқот, хулосаҳо, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт (121 ном), рӯйхати тасвирҳо иборат аст. Инчунин панҷ замима бо маводҳои тасвирӣ (нақшаҳо, генпланҳо, диаграммаҳо ва расмҳо дар 44 саҳифа), мазмуни диссертатсияро пурра карда, ҳаҷми умумии он 210 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** мубрамияти кор асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии масъала мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва

амалии кор, мавзӯъ ва матлаби тадқиқот муайян гардидааст, саҳми муаллиф дар муқарраროти асосии ҳифзшаванда дарҷ карда шудааст.

Дар боби 1 "**Шароити замонавӣ ва масъалаҳои ташаккули сохтори шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон**", заминаҳои таърихӣ ва тамоюли ташаккули шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон, ташхиси тарҳрезӣ ва ташкили сатҳи маҳалҳои бинокорӣ аз диди фаъолияти шаҳрсозӣ таҳлили илмӣ шудааст.

Ҷумҳурии Исломии Афғонистон шоҳиди рушди силсилаи инкишофи маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот мебошад, ки дар онҳо ҳоло аз 32 млн. нафар аҳолии кишвар беш аз 5 миллион нафари он дар шаҳри Кобул ва гирду атрофи он зиндагӣ мекунанд. Сохтмони шаҳрҳо ҷӣ ба таври худсар ва ҷӣ аз рӯи нақшаи номукаммали давлатӣ дар саросари кишвар сабаби гуногунии ташаккул ва бетартибии афзоиши маҳаллаҳои истиқоматии худсохт гаштаанд.

Аз ҷониби мутахассисони хориҷӣ ва маҳаллӣ дар ҳолати комилан мавҷуд набудани талабот ва стандартҳои ягона таҳия карда шудани нақшаҳои генералӣ аз ҷиҳати тарзи корбаст ва ҳаҷми ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ дар амиқ ва асоснокии карорҳои лоихавӣ як катор камбудиҳо ҷиддӣ мавҷуданд, ки ба муносибати онҳо нақшаҳои генералии шаҳрҳои калон бояд дар шароити нав қатъиян аз нав дида шаванд.

Дар боби 2: "**Шароити шаҳрсозӣ ва омилҳои ташаккули сохтори тарҳрезии маҳалҳои шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон**" шароити ҷуғрофӣ, иқлимиву табиӣ ва экологии ташаккули сохтори шаҳрҳо, омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва демографии ташаккули маҳалҳои истиқоматӣ, асосҳои тарҳрезиву-банақшагирии тараққиёти сохтори шаҳрӣ ва ташаккули силсилаи кӯчаҳову хатти роҳҳои он таҳлил ва корбаст шудааст.

Таҳлилҳои шароити табиӣ муайян карданд, ки кишвари Афғонистон аз гуногунии обу ҳавои зиёд бархӯрдор аст ва дар он 5 минтақаи иқлимиву табиӣ ва биоклиматикӣ аз ҷиҳати баландии ҷойгиронии маҳалли зист фарқкунанда мавҷуд аст. Тадқиқоти маҳалҳои шаҳр маълум кард, ки сабаби кам будани зичии ахолӣ дар шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон, чун қоида, майдони калони қитъаҳои азхудношуда ва заминҳои холӣ дар ҳудуди шаҳрҳо мебошанд.

Дар натиҷаи таҳқиқот унвонҷӯй ба хулосае омадааст, ки таҳияи барномаҳои возеҳи миллӣ ва нақшаҳои рушди устувори шаҳрҳои калону бузурги Афѓонистон зарур аст. Саравввал «Сиёсати миллии шаҳрсозӣ», «Кодекси шаҳрсозӣ» ва «Кадастри шаҳрсозӣ» бо Барномаҳои махсуси стратегӣ барои баланд бардоштани сатҳи лоиҳасозӣ ва ташаккули устувори шаҳрҳои калони маркази вилоятҳо шарт ва зарур мебошад. Ба ин муносибат тартиб додани Барномаии миллии иҷтимоию иктисодии тараккиёти вилоятхои асосии мамлакат ва муайян кардани самтҳои асосии тараккиёти инфрасохтори шаҳрҳо зарур аст. Дар ин раванд ташаккули

сохтори зинаҳои хизматрасонии ҷамъиятии шаҳрҳои калони марказҳои вилоятҳои Афғонистон аҳамияти калон дорад.

Боби 3: “**Консепсияи такмилдиҳии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳи маҳалҳои шаҳри калон дар минтақаи наздикӯҳии Афғонистон”** ба масъалаи такмили системаи банақшагирии шаҳрсозӣ бахшида шуда, ҳамчун асоси батартибоварии ташкилаҳои маҳаллии сохтори шаҳрҳои калон бахшида шудааст. Ҳалли меъмориву тарҳрезӣ ва ташкили бинокории маҳаллаҳои истиқоматии пастошёнаи шаҳри калон дар релйефи мукаммали наздикӯҳӣ дар мисоли шаҳри Кобул дида баромада шудааст.

Унвонҷӯй асоснок кардааст, ки самаранокии раванди назорат ва танзим дар низоми шаҳрсозӣ танҳо дар сурате ба даст оварда мешавад, ки ин раванд бо назардошти андешаҳои муосири илмӣ дар бораи объекти идоракунӣ ва усулҳои ҳуқуқии назорати фаъолияти шаҳрсозӣ ташкил карда шавад. Бо ин максад дар асоси принсипи нави банақшагирӣ ва сохтани маҳаллаҳои аввалияи истиқоматии камошёна бо маркази иҷтимоияш дар минтақаҳои релйефашон мукаммал навоварие дар лоиҳасозӣ мебошад. Мувофики усулхои нави тартиб додани нақшаи муфассали бинокрии шаҳр дар минтақаҳои релйефашон душвор, бо истифодаи самараноки ноҳияҳои наздишаҳрӣ, ки қитъаҳои эхтиётӣ доранд, хеле муҳим аст.

**Муқаррароти асосии рисола** дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4-тоаш дар маҷаллаҳои пешбари тақризшаванда аз рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Натиҷаи ин кор метавонад ба тадриҷан хал намудани проблемаҳои мавҷудаи ичтимоию иктисодӣ ва ба вучуд овардани системаи ягонаи устувори муҳоҷират мусоидат карда, боиси афзоиши иқтидори иктисодию мадании кишвар ва аз ин рӯ, беҳтар шудани шароити зиндагонии ахолиро дар шаҳрҳои калони ҶИА таъмин намояд.

Равияи таҳқиқотии кори рисолавӣ ба шиносномаи тахассуси илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: 05.23.22 – “Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот”, аз он ҷумла қисматҳои назарияи шаҳрсозӣ, тарҳрезии минтақаҳо ва ноҳияҳо; бозсозӣ ва таҷдиди мавзеъҳои истиқоматии шаҳрҳо мувофиқ аст.

Кори диссертатсионии Билим Муҳаммад Усмон дар мавзӯи: «Барқароркунии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳи шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон» барои ҳимояи дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.22 – «Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот» пешбарӣ карда мешавад.

**9. Эроду камбудиҳои кори диссертатсионӣ.**

Дар натиҷаи баррасии диссертатсия нисбати он эроду камбудиҳои зерин муайян карда шудаанд:

1. Дар кори диссертатсионӣ қабл аз қисми мундариҷавӣ бояд калима ва ибораҳои кутоҳкардашуда пешбинӣ карда шаванд (масалан, МИ, КНУБ, МКШ ҶТ ва ғ.).

2. Дар рисола баъзе мафҳумҳои баҳснок аз нуқтаи назари терминологӣ мавриди баҳрабардорӣ карор гирифтаанд, ки дар оянда пешниҳоди луғати мухтасари вожаҳоро талаб менамояд.

3. Хуб мешуд, ки ҷадвалҳои ҳисобии масоҳати шаҳрҳо, номгӯи шаҳру вилоятҳо дар кисмати Замимаҳо ҷойгир мешуданд, чунки онҳо танҳо ҳаҷми асосии матни диссертатсияро зиёд намудаанд.

4. Тибқи муқаррароти мавҷуда, тафсири аналитикии адабиёт, бояд дар кисмати асосии диссертатсия пешбинӣ гардад. Дар диссертатсия бошад, он дар кисми мундариҷавӣ ворид карда шудааст. Дар ин кисм бояд танҳо асоснокунии мубрамияти кор ва зарурати гузаронидани таҳқиқоти илмӣ аз рӯи мавзӯи рисола мавриди баррасӣ карор гирад.

5. Хулосаи кор ба пешниҳоди батартибоварии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули меъморию тарҳрезии мавзеъҳои истиқоматии шаҳрҳои калони Афғонистон равона шудааст. Хуб мешуд, ки ин масъала дар бандҳои ҳулосавии диссертатсия васеъ дарҷ мегардид.

Эроду камбудиҳои пешниҳодгардида дар ҳеҷ ҳолат моҳияти илмӣ ва амалии кори диссертатсиониро коста нагардонида, ба арзиши мусбати он ҷиҳати асоснокии гояҳои асосии шаҳрсозӣ ва меъмориву тарроҳии дифоъшаванда таъсири манфӣ намерасонанд.

**10. Тавсияҳо ҷиҳати истифодаи амалии натиҷаҳо.**

Натиҷаи кори диссертатсионӣ метавонад дар чунин ҷабҳаҳои банақшагирӣ амалӣ гарданд:

- дар ташкилотҳои пажуҳишӣ ва лоиҳакашии Кумитаи меъморӣ ва соҳтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои даҳлдори шаҳрсозии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;

- дар зерсохторҳои махсусгардонидашудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати шаҳрсозӣ, бинокории манзил ва арозӣ ва ташкилотҳои даҳлдори Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;

- дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳаи меъморӣ ва соҳтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афгонистон.

**Хулоса.** Кори диссертатсионии Билим Муҳаммад Усмон, ҳамчун рисолаи илмӣ-таҳқикотӣ куллан дар сатҳи ба қадри кофӣ баланди илмӣ аз тарафи муаллиф ба анҷом расидааст. Муаллиф рисоларо мустақилона, бо дарки ҷиддиву амиқи масъалаи бамиёнгузошта ҳамчун тадқиқоти илмӣ таҳия намудааст. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллиф дорои навгонии кофии илмӣ буда, асоснок, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд. Автореферати диссертатсия дар намуди мухтасар, ба пуррагӣ мувофиқ ба мундариҷаи он буда, ҳулосаҳои асосии қор ва тавсияҳои онро инъикос менамояд. Тавсияҳои дар рисола дарҷгардида аз нуқтаи назари илмӣ асоснок ва боэътимод мебошанд ва аллакай татбиқи худро

ёфтаанд. Кори диссертатсионӣ ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Низомнома оиди тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.11.2016, №505 тасдиқ гардидааст.

Мазмуни асосии қори илмӣ дар диссертатсия инъикос ёфта барои дарёфти дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.22 – «Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот» ба талаботи Низомнома оид ба тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон буда, муаллифи рисола Билим Муҳамад Усмон сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади меъморӣ мебошад.

Тақризи қори диссертатсионии Билим Муҳаммад Усмон дар ҷаласаи васеи Шӯрои илмӣ-теҳникии Корҳонаи воҳиди давлатии «Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 феврали соли 2023 баррасӣ гардида, бо Протоколи № 1 аз 6 феврали соли 2023 якдилона дастгирӣ ва қабул карда шуд.

**Раисикунанда**
Сармуҳандиси КВД "ПИТ "С ва М" Мустафоқулов С.

**Экспертон:**
Номзади илмҳои техникӣ,
дотсент, эксперт мушовири
шӯбаи ташкили ҳолати бино
ва иншоот Абдуллоев И.

Номзади илмҳои техникӣ,
дотсент, Раҳмонов А.А.

Котиби ҷаласа
Сардори шӯъбаи "Илм ва таҳияи ҳуҷҷатҳои
меъёрию техникӣ" Саидов М.Э.

Имзоҳои Мустафоқулов С., Абдуллоев И., Раҳмонов А.А. ва Саидов М.Э.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шӯъбаи умумӣ ва кадрҳои КВД "ПИТ "С ва М" Холова С.

Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Суроға:** 734025. ш. Душанбе: кӯчаи Ҳусейнзода, 36А
Тел.: (992 37) 227-77-60, 227-77-61
Факс: (992 37) 227-77-60,
E-mail: niisa.tj@mail.ru